«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ академик
_____________ Салимӣ Н. Ю.
«27» 09 соли 2018

ХУЛОСАИ

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсия дар мавзӯи “Хусусиятҳои морфологии “Ҷомеъ-ут-таворих”” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисос, аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ) аз тарафи Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба анҷом расидааст.

Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич баъди хатми курси магистратура дар МД “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” соли 2015 ба шуъбаи докторантура (PhD)-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул шуда, онро соли 2018 хатм намудааст. Ҳоло ба вазифаи ассистенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият дорад.

Роҳбари илмӣ – Мирбобоев А. номзади илмҳои филологӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъйин гардид.

Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, аз 26. 02. 2016, қарори № 3/6.6 тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ шуд:**

Муҳиммияти мавзӯъ, пеш аз ҳама, ба он асос меёбад, ки забон ҳамчун муҳимтарин василаи равобити миёни инсонҳо дар баробари гӯйишварони худ арзи ҳастӣ намуда, дар шароит ва муҳити гуногуни таърихие, ки соҳибони забон сипарӣ кардаанд ба тағйиру таҳаввулот дучор омада, то ба сурати кунунии худ инкишоф ва такмил ёфтааст. Аз ин рӯ, ҳар муҳити таърихие, ки забон дар он инкишоф ёфтааст, на танҳо ба низоми луғавӣ, балки ҳатто ба сохтори дастурӣ (сарфӣ ва наҳвӣ)-и он таъсири мустақиму ғайримустақим бар ҷой гузоштааст. Аз он ҷое, ки гузаштаи тағйиру таҳаввули ҳар забонро танҳо ба воситаи таҳқиқи осори хаттии барҷоймондаи он метавон муайян намуд, баррасии осори китобии мансуб ба ин ё он давраи мушаххаси инкишофи забон барои пажӯҳиши дақиқу амиқтари хусусиёти он забон мусоидат менамояд,

Диссертатсия дар доираи нақшаи илмии кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ таҳия гардида, натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳое, ки КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР таъйид намудаанд, интишор гардидаанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таълиф.**

Мақсади асосии тадқиқоти мазкур таҳлил ва баррасии хусусиятҳои морфологии “Ҷомеъ-ут-таворих”-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ ва нақши он дар инкишофи низоми сарфии забни тоҷикӣ мебошад. Нуктаҳои зерин ба сифати вазифаҳои аслии пажӯҳиши диссертатсионӣ қарор дода шудаанд:

-гирдоварии маводи забонӣ доир ба хусусиятҳои сарфии асари таҳқиқшаванда;

-тасниф ва ҳамгунсозии маводи забонии гирдоваришуда;

-нишон додани нақши муҳити таълифи асар дар шаклгирии сохтори сарфии он;

-возеҳ сохтани хусусиятҳои сарфӣ ва категорияҳои грамматикии исм дар асар;

-шарҳу тавзеҳи хусусиёти дастурии сифат ва доираи корбурди он дар асар;

-аён намудани хусусиёти дастурии шумора дар асар;
-муайян сохтани корбурди хусусиятҳои семантикию грамматикии ҷонишинҳо дар асар;
-таҳқиқи хусусиятҳои сарфӣ ва категориалии феъл ва зарф дар асар;
-муайян намудани хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои ёвар дар китоби таҳқиқшаванда;
-таъйини ҷойгоҳи "Ҷомеъ-ут-таворих"-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ дар инкишофи низоми сарфии забони адабии тоҷикӣ;

Маводи ин диссертатсия матни "Ҷомеъ-ут-таворих"-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ буда, зиёда аз 1700 барга ҷамъоварӣ гардидааст.

Ҳамчун осори илмӣ-назариявӣ аз таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ истифода гардидааст, ки муҳимтарини онҳо таҳқиқотҳои "Особенности языка Саади по его "Голестану""-и Р. С. Султонов, "Язык Та'рих-и Систан"-и Л. П. Смирнова, "Грамматический очерк персидского языка"-и Ю. А. Рубинчик, "Среднеперсидский язык"-и В. С. Расторгуева, "Исм"-и Ш. Рустамов, "Таърихи забони адабӣ"-и М. Н. Қосимова, "Форсии бостон"-и Д. Саймиддинов, "Таърихи забони тоҷикӣ"-и З. Мухторов, "Хусусиятҳои морфологии "Маҷмаъ-ут-таворих""-и Г. Камолова, "Хусусиятҳои морфологии "Бадоеъ-ул-вақоеъ""-и Б. Шарифов истифода гардидааст.

**Навоварии илмии** диссертатсия аз он иборат аст, ки ҳарчанд аз оғози солҳои 50-уми асри гузашта як силсила пажӯҳишот доир ба хусусиёти забонии осори хаттӣ анҷом пазируфта бошанд ҳам, то ҳол забони "Ҷомеъ-ут-таворих"-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ, ки яке аз рисолаи муҳими таърихии мансуб ба асрҳои XII-XIV мебошад, мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст ва ин диссертатсия нахустин иқдоме дар баррасии вижагиҳои дастурии асари мазкур мебошад.

**Аҳамияти назарии таҳқиқот** корбурди имконоти морфологии забони адабии тоҷик дар асари таҳқиқшаванда ва муайян намудани хусусиятҳои сохтори сарфии забони адабии тоҷикӣ ин асар аз муҳимтарин хулосаҳои назариявие мебошад, ки ҷойгоҳи осори мансури асрҳои XII-XIV-ро дар

инкишофи системаи морфологии забони тоҷикӣ муайян менамояд. Нуктаҳои назариявие, ки аз хулосаҳои пажӯҳиш дар асоси он ҳосил шудаанд, метавонанд дар таҳқиқи хусусиятҳои грамматикии асарҳои мансури мансуб ба дигар давраҳои таърихи забони тоҷикӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки маводи диссертатсия имкон дорад, дар раванди таълими дарсҳои назариявию амалии таърихи забони адабии тоҷик ва грамматикаи таълимии ин забон, ҳамчунин, зимни таҳияи китобҳои дарсии грамматикаи забони адабии тоҷик ва дастуру васоити таълимӣ метавонад истифода гардад.

Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, таҳлилу баррасиҳо дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талаботи навиштани диссертатсияҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи мазкур, бешубҳа, кори илмии мукаммал ва анҷомёфта буда, аз рӯйи мақсад ва муҳтаво ба рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ) мувофиқ аст.

Кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевичро кори илмии баанҷомрасидаи мукаммалу мубрам меҳисобад. Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ аст. Фишурдаи диссертатсия ва 5 мақолаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумори мақолаҳои чопшудаи диссертант сетои он дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР интишор гардидаанд:

[1-М ]. Юсупов Ш. Р. Хусусиятҳои луғавию семантикии шумора дар “Ҷомеъ-ут-таворих” Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон . – 2017. - № 4. – 53- 55 с.

[2-М ]. Юсупов Ш. Р. Ҷамъбандии исм ва роҳҳои ифодаи он дар “Ҷомеъ-ут-таворих”. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон . – 2018. - № 1. – 88-93 с.

[3-М ]. Юсупов Ш. Р. Мавқеи истифодаи ҷонишинҳои шахсӣ дар “Ҷомеъ-ут-таворих” Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон. – 2018. - № 1. – 50-55 с.

Бинобар ин, диссертатсияи мазкурро аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ) барои дифоъ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос тавсия менамояд.

Иштирок доштанд: 16 нафар:

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 16 нафар, “зид”- нест, “бетараф” - нест.

Қарори №2 аз 27.09.2018.

E-mail: nurkhon00@inbox.ru
Тел.: + 992985380054

| | |
|---|---|
| Раисикунанда: | Гадоев Нурхон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ |
| Котиб: | Зоитова Моҳира |

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
E-mail:tgpu@mail.ru
www.tgpu.tj

Имзои Гадоев Нурхон ва Зоитова Моҳираро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Назаров Давлатхон